**Ба Шурои диссертатсиониии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Соҳаи соҳибкорӣ ва рушди он яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, нақши соҳибкорон дар пешрафти мамлакат барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолӣ, суботи молиявӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ назаррас мебошад. Савдои электронӣ самти муосири амалиёт дар фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, дар устувории гузаштан ба иқтисоди рақамӣ нақши бориз хоҳад дошт. Афзалияти савдои электронӣ барои истеъмолкунандагон фаъолнокии шабонарӯзӣ; дастрасии баробари ҷуғрофӣ; имконияти баҳодиҳии ширкати истеҳсолкунанда; имконияти баҳодиҳии маҳсулот; имконияти баҳодиҳии маркази савдо; имконияти сарфа кардани вақти худ; мустақилият дар мавриди хариди маҳсулот ва махфияти харидҳоро дар бар мегирад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии Майнусова Зарнигор Маҳмудовна ба мубрамияти мавзуи тадқиқшаванда такя намуда, ворид намудани донишҳои нав, ки дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ коркард шудааст, ба ҳисоб меравад. Мутобиқи мақсади диссертатсия муаллиф вазифаҳои зеринро пешниҳод кардааст: таҳлилу баррасии савдои

фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ; муайян намудани махсусияти қонунгузории танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ; тадқиқи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ; омӯзиши шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ; муайян намудани ҷавобгарии маданӣ барои вайрон кардани муқаррароти қонунгузорӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ; коркарди пешниҳодҳо барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур.

Асосҳои методологии тадқиқотро усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Тавассути усули диалектикӣ ташаккул ва инкишофи заминаҳои ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, шароити таърихӣ ва дигар омилҳое, ки ба ташаккул ва инкишофи қонунгузории бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ мусоидат намудаанд, муайян карда шудааст.

Дар заминаи усули мантиқӣ-забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии мафҳуми савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ таҳлил гардида, истифодаи истилоҳи ягонаи аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, тавассути усули мантиқӣ-забонӣ савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ таҳқиқ шуда, воқеияти амалишавии он дар замони муосир инъикос гардидааст. Дар раванди таҳқиқи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ бо истифода аз усули оморӣ шумораи субъектони савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ва ҳолатҳои ҳимояи ҳуқуқи онҳо муайян гардидааст.

Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва унсурҳои таркибии он муайян карда шудааст. Инчунин, тавассути усули шаклӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор

гирифтааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо муайян гардидааст. Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият фароҳам намуд, то мавзуи рисола на танҳо ҳамчун падидаи муосири ҳуқуқӣ, балки таърихӣ низ омӯхта шавад.

Дар натиҷаи таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии мавзуи рисола муайян гардид, ки дар замони Истиқлоли давлатӣ танзими савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ 3 марҳилаи таърихиро пушти сар намудааст. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд. Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Автореферати диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Мувофиқи мақсад мебуд, ки унвонҷӯ дар автореферати диссертатсия ва умуман дар таҳқиқот оид ба паҳлуҳои гуногуни таносуби савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ва сатҳои дигари соҳибкорӣ таваҷҷуҳ намуда, ин масъалаҳоро пурратар таҳқиқ мекард.

Эроди дар боло зикр шуда, аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонад.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Автореферати диссертатсионии Майнусова Зарнигор Маҳмудовна ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Муовини якуми директори
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Соҳибзода
Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ

Имзои Соҳибзода М.М. тасдиқ менамояд
Сардори бахши кадрҳо ва коргузорӣ Фаттоев М.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13. Телефон: (992 37) 227-47-71. Факс: (992 37) 227-63-64. Почта.: info@mmk.tj. www.mmk.tj | www.ncz.tj | www.ncl.tj

13. 02. 2024